**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Саидаҳмадов Мирзоҳомид Мирзоевич дар мавзӯи «Таълими рӯзгору осор ва андешаҳои педагогии Имоми Аъзам дар муассисаҳои таълимӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (Забон ва адабиёти тоҷик)**

Таҳқиқи шахсият ва мероси гаронмояи шахсияте чун Абӯҳанифа Нуъмон ибни Собит Имоми Аъзам, пеш аз ҳама, тақозои давр ва иқдоми созандаест барои муҳаққиқини соҳа ва ҷомеаи кунунӣ. Ҳарчанд ки дар замони истиқлол (ба вежа пас аз таҷлили 1300-солагии бузургдошти он) аз ҷониби олимон силсилапажӯҳишҳое дар заминаи зиндагинома ва афкору орои Абӯҳанифа анҷом дода шуда бошад ҳам, вале то ҳанӯз ҷанбаҳои зиёди мероси ӯ тадқиқношуда боқӣ мондаанд. Ғайр аз осори таҳқиқотие, ки дар хориҷи кишвар сурат гирифтааст, метавон аз асарҳои арзишманде амсоли “Мероси Имоми Аъзам ва гуфтугӯи тамаддунҳо”, “Муҳити зиндагӣ ва олами андешаҳои Имоми Аъзам”, “Имоми Аъзам ва фарҳанги миллӣ» ва “Чеҳраҳои мондагор”-и (Эмомалӣ Раҳмон); “Аҳвол ва афкори ҳазрати Имоми Аъзам” (Сайид Бурҳониддини Бузургмеҳр); “Баъзе хусусиятҳои фиқҳ ва каломи Имоми Аъзам” (Саид Аҳмад); “Зиндагиномаи Имоми Аъзам (рҳ) ва васиятҳои ӯ” (Ҳусайнпур М.); “Имоми Аъзам: Зиндагӣ, мазҳаб ва васоё” (Убайдуллоев Ф.); “Асолати Имоми Аъзам” (Олим У.); “Мазҳаби Имоми Аъзам” (Сорбонзод М.); “Рисолаҳои Имом Абӯҳанифа (Боқизода А.); “Имоми Аъзам ва мазҳаби ӯ” (Раҳимзода Р.) ва амсоли инҳо ном бурд, ки дар шинохти шахсият ва андешаҳои ӯ нақши бориз доранд.

Диссертатсияи Мирзоҳомид Саидаҳмадов таҳти унвони “Таълими рӯзгору осор ва андешаҳои Абӯҳанифа Нуъмон ибни Собит Имоми Аъзам дар муассисаҳои таълимӣ” дар иртибот ба вазъи кунунии ҷомеа актуалӣ ва аз ҷумлаи мавзӯъҳои муҳим дар шинохту муаррифии мазҳаби Имоми Аъзам маҳсуб мешавад.

Автореферати Мирзоҳомид Саидаҳмадов барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ фарогири муҳтавои диссертатсия буда, дар он роҷеъ ба тафсири умумии кор, мубрамият ва зарурати мавзӯи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, ҳадафи тадқиқ, объекти тадқиқ, мавзӯи тадқиқ, фарзияи тадқиқ, асосҳои умумии методологияи тадқиқ, асосҳои назариявии тадқиқ, манбаъҳои тадқиқ, заминаи таҷрибавӣ-озмоишии тадқиқ, давраҳои тадқиқ, навгонии тадқиқ, аҳамияти амалии тадқиқ, саҳеҳият ва асоснокии натиҷаи тадқиқ, масъалаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, баррасӣ ва муҳокимаи таҳқиқоти диссертатсионӣ,

ҳаҷм ва сохтори диссертатсия, маълумот дода шудааст, ки иборат аз се бобу фаслҳои алоҳида, хулоса ва китобнома аст.

Дар боби якум «Усули тадриси авзои сиёсию динии замони зиндагии Имоми Аъзам ва заминаҳои фарҳангию омилҳои пайдоишу ривоҷи мазҳаби ҳанафӣ», ки аз се фасл иборат аст, вазъи иҷтимоӣ, диниву мазҳабӣ ва фарҳангии рӯзгори Имом Абӯҳанифа баррасӣ шуда, муҳаққиқ дар ҳошияи он ҳамчунин сабабҳои таҳаввулу тарвиҷи мазҳаби ҳанафӣ дар манотиқи Мовароуннаҳрро матраҳ кардааст. Дар заминаи ин, шеваҳои таълими арзишҳои Қуръону аҳодиси набавӣ дар мактабу мадориси Хуросону Мовароуннаҳри асрҳои миёна низ нишон дода шудааст.

Дар фаслҳои аввали боби якум, ки ба усули таълими авзои сиёсию динии замони зиндагии Имоми Аъзам, усули таълими заминаҳои фарҳангӣ ва омилҳои пайдоишу ривоҷи мазҳаби ҳанафӣ ва методикаи суннатии таълими Қуръону аҳодиси набавӣ дар мактабу мадориси Мовароуннаҳру Хуросон бахшида шудааст, муаллифи диссертатсия бар он андеша аст, ки бидуни донистани замони зиндагии мутафаккир, авзои сиёсию динӣ ва заминаҳои фарҳангии он даврон таълими рӯзгору осор ва андешаҳои ӯ аз имкон берун аст. Аз ин лиҳоз, омӯзгор пеш аз мавриди пажӯҳиш қарор додани зиндагинома ва орову андешаи ин ё он мутафаккир бояд роҷеъ ба вазъияти иҷтимоӣ, илмию адабии замони рӯзгори ӯ иттилои ҳамаҷониба диҳад.

Муаллифи диссертатсия дар заминаи омӯзиши маохизи таърихию адабии асримиёнагӣ ва бо истифода аз осори пажӯҳишии донишмандони муосир, вазъияти замони зиндагии Имоми Аъзамро рушан намуда, роҳу воситаҳои таълими онро вобаста ба зинаҳои таълим пешниҳод мекунад. Муаллифи диссертатсия дуруст қайд мекунад, ки “Мазҳаби Имоми Аъзам барои ҷомеаи мусалмонон дар як замоне рӯйи кор омад, ки ба монанди ин асри пурталотуме, ки мо дар он зиндагӣ дорем, фитнаҳои хавориҷу муътазилиҳо ҳамаро фаро гирифтаву мардум ҳама ҳайрону саргардон буданд ва намедонистанд, ки ҳақиқати ислому зиндагӣ дар партавӣ суннати Пайғомбари Худо (с) кадом аст”(Диссертатсия, с.15).

Дар фасли дувуми боби якум низ, ки « Усули таълими заминаҳои фарҳангӣ ва омилҳои пайдоишу ривоҷи мазҳаби ҳанафӣ » унвон дорад, заминаҳои зуҳури мазҳаби ҳанафӣ, омилҳои тарвиҷи ин мазҳаб дар кишварҳои мусулмоннишин ва инчунин, шеваҳои таълиму тадриси он таҳқиқу баррасӣ шуда, муҳтавои ин боб дар автореферат дуруст дарҷ гардидааст.

Фасли сеюми боби аввали диссертатсия, ки «Методикаи суннатии таълими Қуръону аҳодиси набавӣ дар мактабу мадориси Моварооуннаҳру Хуросон» унвон дорад, дар он масоили усули таълими зиндагиномаи Имоми Аъзам, муомилаи ӯ бо мардум ва ҳуккоми давр мавриди таҳқиқ қарор гирифта, роҳҳои самараноки таълими ин мавзӯъ ироа гардидааст. Муаллиф бар он андеша аст, ки "Барои нигоҳ доштани ин мазҳаб дар кишвар бояд барои донишҷуён ва толибилмон дар ин самт шароит фароҳам биёварем, шеваи таълимии ин мазҳабро дар кишвар роҳандозӣ кунанд, то дар оянда битавонем олимону донишмандонеро рӯйи кор оварем, ки аз ин мазҳаб ва роҳу равишаш дар баробари мазҳабҳои бегона дифоъ карда тавонанд. Омӯзгорон ва устодони кишвар бояд шогирдонро аз хатари берун рафтан аз мазҳаби аҷдодӣ огоҳ созанду ин шеваро ҷиддӣ ба роҳ монанд, ки дар оянда ҷавонони мо бо мушкилоти ҷиддие рӯ ба рӯ нагарданд ва агар рӯ ба рӯ гаштанд, нахаросанд, аз ин шева ва тарзу услуби мазҳабамон кор гирифта, фиребу найранги дасисабозонро нахуранд" (Диссертатсия, с.20).

Боби дувуми диссертатсия "Усули таълими зиндагинома, шеваи тадрис ва осори андарзии Имом Абӯҳанифаи Нуъмон ибни Собит" ном дошта, дар се фасли он унвонҷӯ роҷеъ ба усули таълими зиндагиномаи Имом Абӯҳанифа, усули таълими мунозираҳои Имом Абӯҳанифа, усули таълими шеваи тадриси Имом Абӯҳанифа ва усули таълими осор ва андешаҳои шогирдони Имом Абӯҳанифа андешаву хулоса ва пешниҳодоти ҷолибро ироа намудааст, ки мазмуну муҳтавои боби мазкур дар автореферат низ бамаврид ифода шудааст.

Нукоти ҷолиби ин боб бо бурҳонҳои қотеъ хонандаро ба рукнҳои дини мубини ислом аз нигоҳи усули мазҳаби Имоми Аъзам (р) ошно гардониданӯ роҳу василаҳои самараноки таълими онҳоро пешниҳод намудан аст, ки он дар тарбияи ахлоқӣ ва ақидавии насли нав нақши бориз дорад. Илова бар ин, дар фаслҳои дигари боби дувум нақшу усули таълими "Андарзнома"-и Имом Абӯҳанифа ва асари он дар тарбияи ахлоқӣ ва камолоти маънавии шогирдон, шеваи таълими андешаҳои шогирдони Имоми Аъзам, тарзи мунозираҳои худи Абӯҳанифа бо донишмандони замонаш таҳқиқ шуда, аҳамият ва роҳҳои босамари таълими онҳо пешниҳод шудааст. Фишурдаи мазмуни ин боб дар автореферат дуруст инъикос ёфтааст.

Боби севуми диссертатсия «Методикаи таълими ақоиди мазҳаби Имоми Аъзам (р)» унвон дошта, унвонҷӯ дар се фасли он доир ба усули таълими ақоиди мазҳабии Имом Абӯҳанифа Нуъмон ибни Собит, усули таълими таснифоти Имом Абӯҳанифа дар илми калом, усули таълиму шеваи омӯзишии андешаи ақидатии Имом Абӯҳанифа, услули таълими

фикҳи Имом Абӯҳанифа ва омӯзишу тадриси шеваи мазҳаби ӯ андешаҳои хешро бо истифода аз осори Имом Абӯҳанифа ва муҳаққиқини соҳа матраҳ намудааст. Мазмуни мухтасари боби мазкур бо зерфаслҳояш дар автореферат ифода шудаанд, ки ин ҳама аз сатҳи илмии таҳқиқот ва донишу малакаи унвонҷӯ гувоҳӣ медиҳад.

Муқаддима ва хулосаи диссертатсия низ марбут ба бобҳову зерфаслҳост, рӯйхат ва миқдори маохизу манбаъҳо бо меъёр ва талаботи рисолаи номзадӣ мутобиқат дорад. Тарҷумаи русии автореферат бо нусхаи тоҷикии он мувофиқат мекунад, вале дар он баъзе ғалатҳои техникӣ ва имлоиву грамматикӣ ба назар расид, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Вожаи **инноватсия** бе изофат омадааст, ки бояд дар шакли **инноватсияи Пажӯҳишгоҳи**... ислоҳ шавад (саҳ. 2-юми автореферат).

2. Унвони муқарризи расмӣ ва номи кафедра якҷоя шудааст: **доктори илмҳои**.... **кафедраизабоншиносии...**, ки байни ин ибораҳо бояд фосила гузошта шавад (саҳ. 2).

3. Фосилаи байни **китобхонава** ҷудо карда шавад (саҳ. 2).

4. Вожаи **доссертатсионӣ** дар шакли дурусти диссертатсионӣ ислоҳ карда шавад (саҳ. 2).

5. Вожаҳои **мутафаккурони, бархурд, бархурдор** (саҳ. 3, 12), **масълаҳо, худофаҳмиву** (дурусташ худошиносиву), **тамизи** (дурусташ тамйизи, саҳ. 4), **шӯъбаи, маҷалаҳои** (саҳ. 9), **мумрамият** (саҳ. 10), **аббосиён** (дурусташ Аббосиён, саҳ. 11), **Акрам**(с), **ибни** Моҷҷа (шакли дурусташон акрам(с) ва Ибни Моҷҷа, саҳ. 14), **бодонишмандон**, **корафтогон** (саҳ. 14), **Абӯанифа, Инсони Комил, умавиён, аббосиён** (саҳ. 15, 16), **дигар бора** (саҳ. 17), **киХудованд** (саҳ. 23), **иҷмоъу..., истиҳсон** (саҳ. 25), **Пайғомбари (с)..., саъми** (саҳ. 26), **Иҷмоъи** (саҳ. 26, 27, 28), ки дар **фикхиин** мазҳаб..., **мушкилотҳои** (саҳ. 28), **тадбиқ** (саҳ. 30) ва ибораи Донишкадаи **Исломии** Тоҷикистон **Ба Номи** Имоми Аъзам-Абӯҳанифа..., **Нӯъмон** (исломии..., ба номи..., Нуъмон, саҳ. 32) ислоҳ карда шаванд.

Диссертатсияи Саидаҳмадов Мирзоҳомид Мирзоевич таҳти унвони "Таълими рӯзгору осор ва андешаҳои Абӯҳанифаи Нуъмон ибни Собит Имоми Аъзам дар муассисаҳои таълимӣ" таҳқиқоти мукаммал буда, ба талаботе, ки КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рисолаҳои номзадӣ пешбинӣ кардааст, ҷавобгӯст. Автореферат мазмуни онро ба таври кофӣ дарбар гирифтааст ва рисола ҳам дорои арзиши амалӣ ва ҳам назарӣ буда, метавонад заминае барои таълифи маводи таълимии марбут ба таърихи дини ислом, шеваҳои таълиму тарбия,

давраҳои омӯзишу парвариш ва ҳамчунин курсҳои махсуси таълим ва шинохти таълимоти Имоми Аъзам (р) бошад.

Бо итминони комил метавон иброз намуд, ки диссертатсияи номзадии Мирзоҳомид Саидаҳмадов ҳамчун кори илмии анҷомёфта аз рӯи тахассуси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (Забон ва адабиёти тоҷик) маҳсуб шуда, муаллифи он сазовор ба дарёфти дараҷаи номзади илмҳои педагогӣ мебошад.

Дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илми филология: Саидолим Комилҷон Саидмирзо

Телефонҳо: Тел: (2) 34-40-73; (992) 93-508-47-28

Суроға, почтаи электронӣ: komiljon.saidolimov@bk.ru

Имзои номзади илми филология Саидолим Комилҷон Саидмирзоро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳои ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

06.01.2020.